**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, ш. Душанбе кучаи Нахимов 64/14**
**E-mail: faridullo72@mail.ru**

# ТАҚРИЗ

## ба автореферати диссертатсияи Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзуи "Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва инкишофи босуръати иқтисодиёт дар соҳаҳои хоҷагии халқ масъалаи ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ дар низоми хоҷагидорӣ мавқеи муҳиму заруриро касб карда, ба вазъи таъмини маҳсулоти озуқаворӣ таъсири бевосита мерасонад. Ҳолати имрӯзаи бозори озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар нишон медиҳад, ки имкониятҳои мавҷудаи зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ ва рушди бозори озуқаворӣ дар онҳо гуногун буда, на ҳама вақт самаранок мебошанд.

Омӯзиш ва баҳодиҳии ҳолати имрӯзаи бозори озуқаворӣи ҷаҳонӣ, болоравии мунтазами нархи маҳсулотҳои озуқаворӣ дар кишварҳои ҷаҳон моро водор месозанд, ки ба масъалаи афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар аҳамияти аввалиндараҷа диҳем. Бинобар ин, ташаккул додани бозорҳои минтақавии озуқаворӣ дар мамлакат ва муайян намудани роҳҳои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти қишоварзӣ дар асоси мукаммалсозии муносибатҳои ташкилию иқтисодии субъектҳои бозори истеъмолӣ, рушди инфрасохтори он, аз ҷумла ворид намудани инноватсияҳо дар марҳалаҳои истеъмол, коркард, тақсимот ва фурӯши маҳсулоти озуқа, такомул додани пояи моддӣ-техникии истеҳсолот ва савдои маҳсулоти озуқаворӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо менамоянд.

Дар автореферати диссертатсия муаллиф қайд кардааст, ки бо вуҷуди асарҳои назариявӣ ва корҳои таҳқиқотии зиёди назариявӣ оид ба бозор ва бозори озуқаворӣ таърифи ягона ва аз тарафи умум эътирофшуда то ин давра вуҷуд надорад. Вобаста ба ин оид ба мафҳуми бозор ва бозори озуқаворӣ нуқтаи назарияҳои олимони гуногунро саҳеҳ ва фаҳмо овардааст. Инчунин, дар автореферат алоқамандии унсурҳои бозори озуқаворӣ ба тариқи расм пешниҳод карда шудааст, ки дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад. Муаллиф дар автореферат механизми омӯзиши вазъи бозори озуқаворӣ дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои методӣ (системавӣ, комплексӣ) ва усулҳои таҳқиқотро бисёр бамаврид пешкаш намудааст.

Дар автореферати диссертатсия бо дарназардошти манбаъҳои гуногуни иқтисодӣ хулосабардорӣ карда шудааст, ки ба тақозои аҳолӣ ва арзаи мол дар бозори озуқаворӣи минатақа омилҳои зиёд таъсир мерасонанд, ки аз ҷониби муаллиф ин омилҳо дар расми 3 муттаҳид карда шудаанд, ки аҳамияти илмию амалии корро тавзеҳ додааст.

Муаллиф дар қисмати таҳлилии кор ба тамоюли тағйирёбии майдонҳои кишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, маҳсулоти

умумии кишоварзӣ дар вилояти Хатлон, тавозуни истеҳсоли дохилӣ, воридот ва талабот ба маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ вилояти Хатлон, диққат дода, инчунин, дар идомаи таҳлил, савдои чаканаи мол ва таркиби онро аз рӯйи гурӯҳи махсулоти озуқаворӣ анҷом додааст, ки хеле дар сатҳи зарурӣ коркард шудаанд.

Бояд зикр кард, ки дар автореферат муаллиф бештар ба масъалаҳои ташаккули зерсохтори бозори озуқаворӣ диққати махсус дода дар натиҷа, барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта дар ин қисмат самтҳои рушди инноватсионии зерсохтори бозори озуқаворӣи минтақа таҳия ва пешниҳод шудааст. Муаллиф бисёр ба маврид ва сари вақт доир ба пешгӯйии ҳаҷми истеҳсоли маводҳои озуқаворӣ дар вилояти Хатлон барои давраи то соли 2030 бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ – риёзӣ амалӣ кардааст, ки боиси дастгирӣ мебошад.

Новобаста аз оне, ки рисолаи унвонҷӯ мустақилона анҷомдодашуда ва дорои муваффақияти калони илмӣ мебошад, боз ҳам беҳтар мегардид, агар ба масъалаҳои зерин аҳамият дода мешуд:

1. Муаллиф дар автореферат танзими муносибатҳои иқтисодӣ дар бозори озуқаворӣи минтақаро мавриди омӯзиш қарор додааст, хуб мешуд агар вобаста ба фишангҳои танзими бозори озуқаворӣи минтақа муфассалтар пешниҳодҳо менамуд.

2. Дурнамои рушди маводҳои асосии озуқаворӣи минтақа дар кор хеле хуб пешниҳод гардидааст, дар баробари ин агар таркиби молии гардиши савдои чакана низ дурнамои карда мешуд, сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид.

Пешниҳоди баррасишаванда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба мазмуни афтореферат таъсири манфӣ намерасонад. Умуман кори илмии таҳқиқшаванда мустақилона буда, анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва навгониҳои илмию амалиро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсия дар мавзуи **"Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)"**, аз рӯйи натиҷаҳои илмии худ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он Зарифзода Зоир Кулмаҳмад арзандаи дараҷаи илмии номзадии илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар
иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Лутфулоев М.Д.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, в. Суғд, ш. Хуҷанд; 17 мкр-н. хонаи 1
Тел.: +992(3422) 2-38-11, E-mail.: tsulbp@rambler.ru

Имзои н.и.и. дотсент Лутфулоев М.Д.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон Мирпоччоев И.Ҳ.